# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Пажуҳиши ҷойномҳои асарҳои таърихӣ, адабӣ ва ҷуғрофӣ барои ошкор кардани бисёр ҷанбаҳои таърихи забони модарии мо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, кори илмии муҳаққиқ Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод, ки ба мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» бахшида шудааст, идомабахши раванди такмили забоншиносии мо буда, аҳаммияти вижаи назарӣ ва амалӣ дорад. Ҷолибияти мавзуи баррасишаванда дар он аст, ки дар диссертатсия бори аввал маводи ономастикии асари таърихии «Таърихи Систон» аз лиҳози луғавӣ ва сохторӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки ҷолибу арзишманд аст.

Дар диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод вижагиҳои маъноӣ, решашиносӣ ва сохтории маводи марбут ба ономастикаи «Таърихи Систон» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷиҳати актуалиаш дар он аст, ки бори нахуст таснифоти антропониму топонимҳои яке аз асарҳои пурмуҳтавои таърихӣ – «Таърихи Систон», ки то ҳол дар шакли як диссертатсия баррасӣ нашудааст, мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи ономастикӣ қарор мегирад.

Номвожаҳо як соҳаи номшиносӣ буда, аз қонуниятҳои пайдоишу инкишоф, маънидод, сохту тартиб ҳудуди интишор ва ҷанбаҳои иҷтимоию этнографии ҳама гуна номҳои шахс – ном, насаб, номи падар, тахаллус, лақаб, куния, номҳои мустаор, номҳои маҳал ва ғайра баҳс мекунад. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ доир ба бахшҳои гуногуни забоншиносии тоҷик бештар шуда, аҳаммияти назарӣ ва амалии рӯзафзун касб кардааст. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии маводи ономастикии ин ё он асари таърихӣ, хосатан «Таърихи Систон», хеле муҳим ва саривақтист.

Навгонии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он аст, ки қисме аз вижагиҳои маводди ономастикӣ дар асар ба мавзуи тарбия, ҷавонмардӣ ва ахлоқӣ нигошта шудааст

ва номвожаҳои асар аз нигоҳи сохтор матраҳ гардидааст; номвожаҳои асар аз нигоҳи маъно ва қолабҳо муайян карда шудааст.

Маводи рисоларо дар таҳияву таълифи дастуру васоити таълим, барои таҳияи луғату фарҳангҳои тафсирии забони адабии тоҷикӣ метавон истифода намуд. Инчунин маводи диссертатсияро дар раванди таълими бахши ономастика дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва омода кардани маводи таълим метавон истифода кард.

Диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддима ва бобҳои рисолаи илмӣ масъалаҳои дар пеш гузоштаро унвонҷӯ дар пояи маводди гирдовардааш таҳлил намуда, ҷанбаҳои луғавӣ ва сохтории ҷойномҳоро дар асоси методҳои синхронӣ ва диахронӣ ошкор кардааст, ки аз ин ҷиҳат ҷанбаи илмии диссертатсия боз афзун гардидааст. Инчунин бобҳои рисолаи илмӣ, мувофиқи маълумоти фишурдаи он, бо назардошти муқаррароту талаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, аз чандин фаслҳои таркибӣ иборат мебошанд ва дар ҳар як фасл як ҷиҳати ҷойномҳои асар матраҳ гардидаанд.

Забони фишурдаи кори илмӣ фаҳмо ва ба талаботи забони илм ҷавобгӯ мебошад ва ҳар кас, ки онро мутолиа намояд, ба осонӣ муҳтавои таҳқиқро мефаҳмад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар 15 банд оварда шудааст. Хулосаҳои таҳқиқро барои истифодаи амалӣ метавон тавсиа намуд.

Муҳтавои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа шуда, дар 8 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 3 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба нашр расидаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия чанд носаҳеҳиву норасоӣ ва камбуду ғалатҳо ба назар расиданд:

1. Ба назари мо, дар фишурда истифодаи вожагони соҳавӣ, яъне истилоҳот яксон ифода наёфта, мансуби ҳам забони тоҷикӣ ва ҳамзабонҳои дигар ба ҳисоб меравaнд. Хуб мешуд, ҳангоми нашри монография ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ карда мешуд.

2. Дар фишурда истифодаи овонигории байналмилалӣ на ҳама вақт риоя гардидааст.

3. Дар диссертатсия ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ (с. 4, 8, 12), услубӣ (с.15) ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Камбудиҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшаванда мебошанд. Ҳамчунин аз фишурдаи диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» аён аст, ки таҳқиқи мазкур кори анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**

номзади илми филология, и.в. дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара Раҳмоналиев Ҷ.Х.
**Нишонӣ:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ,
**Тел:** +992 902 44 44 85.
**Email:** rovidon@bk.ru

«Имзои номзади илми филология, и.в.
дотсенти кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара
Ҷ.Х. Раҳмоналиевро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Маълумот барои тамос.**
**Нишонӣ**: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ,
**Тел:** +992 902 44 44 85.
**Email:** rovidon@bk.ru

«12» майи соли 2025